*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон*
*(Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14)*

**ТАҚРИЗ**
**БА АВТОРЕФЕРАТИ ДИССЕРТАТСИЯИ НУРАЛИЕВА ДИЛАФРУЗ КАМОЛОВНА ДАР МАВЗУИ: «ҶАНБАҲОИ ТАШКИЛӢ-ИҚТИСОДИИ РУШДИ БОЗОРИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ БОНКӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН» БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМҲОИ ИҚТИСОДӢ АЗ РӮЙИ ИХТИСОСИ 08.00.07 – МОЛИЯ, МУОМИЛОТИ ПУЛӢ ВА ҚАРЗ**

Бозори хизматрасониҳои бонкӣ яке аз унсурҳои муҳими бозори молия буда, он бо роҳи муносибати тарафайн ба таҳияи хизматрасониҳои мушаххаси бонкие, ки бо ташкили муомилоти пулӣ, ҷалби воситаҳои муваққатан озоди пулӣ ва сафарбарнамоии воситаҳои ҷалбшуда ба соҳаҳои мухталифи кишвар алоқамандӣ дорад, равона шудааст. Таҳлили таҷрибаи ватанию хориҷӣ шаҳодати он аст, ки давра ба давра шумораи технологияҳои муосири бонкӣ дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ афзӯн гардида, дар асоси он хизматрасониҳои нави бонкӣ ба мисли: бонкинги мобилӣ, интернет-бонкинг, воситаҳои муосири низоми пардохтӣ (аз қабили: ҳамёнҳои электронӣ, QR-рамзҳо ва ғайраҳо) ва ғайраҳо мавриди истифодаи васеъи муштариён қарор гирифтааст. Илова бар ин, дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ бо тақвияти вазъи истифодаи технологияҳои муосири бонкӣ, шумораи муаммоҳои бонкӣ низ (аз ҷумла: кибер-муаммоҳо, ва ғайраҳо) афзоиш ёфта, баҳри идораи онҳо иштирокчиёни бозорро зарур аст то чораҳои фаврӣ-зарурӣ андешанд.

Бо мақсади такмили асосҳои ташкилӣ-иқтисодӣ дар бахши тақвияти бозори хизматрасониҳои бонкии кишвар метавон як қатор чорабиниҳоро таҳия намуд, ки онҳо ба ташаккули раванди мазкур мусоидат менамоянд. Ин аст, ки муаллифи автореферат дар таҳқиқотҳои худ ба ин масоил диққати зарурӣ дода, шумораи зиёди чораҳои таъсирбахшро мавриди муҳокимаи ӯ қарор гирифтаанд.

Илова бар ин, натиҷаи таҳқиқотҳои муаллиф инъикос менамоянд, ки яке аз роҳҳои муассир дар ҷодаи тақвияти хизматрасониҳои бонкӣ истифодаи воситаҳои рақамӣ буда, баҳри такмили низоми рақамикунонии хизматрасониҳои бонкӣ ташкилотҳои қарзиро зарур мебояд то стратегияи махсуси худро таҳия ва татбиқ намоянд. Албатта, вобаста ба пешниҳоди муаллифи автореферат баҳри самаранок гардидани низоми рақамикунонии хизматрасониҳои бонкӣ дар стратегияи коркардшаванда бояд чораҳои зерин ҷой дода шаванд: эҷоди маҳсулоти рақамӣ, ташкили ҳамкориҳои бисёрҷониба бо муштарӣ, коркарди экосистемаи молиявӣ бо шарикон ва ғайраҳо.

Вале дар баробари бартариятҳо, дар автореферат ҳамчунин норасоиҳои муайян низ ҷой доранд, масалан:

1. Муаллиф дар ҷадвали 6 ҷанбаҳои асосии стратегияи рақамикунонии маҳсулотҳо ва хизматрасониҳои бонкиро таҳлил намудааст, ки дар он асосан тавсифи умумии ин ҷанбаҳо дарҷ гардидаанд. Аз ин лиҳоз, беҳтар мешуд, агар муаллиф дар баробари тавсифи умумии ҷанбаҳо, ҳамчунин ба дараҷаи самаранокии онҳо низ диққати ҷиддӣ медод.
2. Дар расми 4 муаллиф нишондиҳандаҳои асосие, ки рақобатпазирии бозори хизматрасониҳои бонкиро муайян менамоянд шарҳ додааст, аммо дар он натиҷаҳои эҳтимолие, ки аз истифодаи ин нишондиҳандаҳо ба даст меоянд, таҳия накардааст.

Камбудиҳои номбаршуда қимати назариявӣ ва амалии таҳқиқоти мазкурро кам намекунад ва онҳо ҳамчун хислати пешниҳодӣ (ё маслиҳатӣ) доранд.

Дар натиҷа, автореферати пешниҳодгардида ба талаботи муқаррароти КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси номбурда мебошад.

**Тақриздиҳанда,**
доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи
ихтисоси 6D050900 – Молия, муаллими
калони кафедраи менеҷменти байналмилалии
Академияи идоракунии давлатии нразди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон **Ҳусейнов У.С.**

**Имзои Ҳусейнов У.С. – ро тасдиқ мекунам:**

Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва
корҳои махсуси Академияи
идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон **Насурдинзода А.Н.**

*Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, 734003, кӯчаи Саид Носир, 33*
*Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,*
*почтаи эл.: info@apa.tj, тел.: +992(37) 224-17-86, 372-24-17-86*